«Тасдиқ мекунам»
директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ д.и.ф.
_______________ Шарифзода Ф.Х.
«29» марти 2024с.

# ХУЛОСАИ

**шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ба диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи "Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00- Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик)**

Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи "Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. Адабиёти тоҷик) дар шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ пешниҳод шудааст, ба анҷом расидааст.

Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна соли 1993 факултети забон ва адабиёти Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб)- ро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик - рус хатм карда, аз соли соли 2009 дар шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба ҳайси унвонҷӯ ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Роҳбари илмии унвончӯ номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакӣ – Абдухолиқ Набиев мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар ҷаласаи шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ рӯзи 12.10.2010 дар суратҷаласаи №8 тасдиқ шудааст.

**Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ:**

Забони русӣ (аз 15.05.2023, протоколи №5) баҳои "хуб" , забони англисӣ (аз 12.06.2023, протоколи №6 ) баҳои "хуб" аз тарафи кафедраи забонҳои хориҷии АМИТ, таърих ва фалсафаи илм (аз 23.11.2023, протоколи №11) баҳои "хуб" аз тарафи кафедраи фалсафаи АМИТ ва имтиҳон аз рӯйи ихтисоси Адабиёти тоҷик -10.01.01 (аз 22.12.2023, протоколи №12) баҳои "хуб" аз тарафи Институти забон ва адабиёти ба номи РӯдакииАМИТ дода шудааст.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқикро** осори мунташиршудаи Сорбон: "Куллиёт"-и Сорбон (иборат аз 10 чилд, солҳои 2009-2011), инчунин қисми дувуми қиссаи "Ҷӯгӣ" (2017), маҷмуаи ҳикояҳои хурд «Мағзреза» (2013), маҷмуаҳои роману қиссаҳои «Барзгар, Зӯза» (2017), «Санам» (2019), «Шаҳрбону» (2019) ташкил медиҳад.

**Навовариҳои илмии таҳқиқ.** Диссертатсия аввалин пажуҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти мухтассот ва вежагиҳои осори Сорбон дар даврони истиқлол аст. Дар ин таҳқиқ бори аввал инҳирофоти фардии Сорбон аз равиши эҷодии реализми сотсиалистӣ бо далел ва мушаххас нишон дода шудааст. Таҳқиқи мазкур бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик осори нависандаро дар даврони нав, ки аз 9 -роман, 7 -қисса, 1-асари ёддоштӣ-"Лоиқнома", 2-маҷмуаи ҳикоя, 1-маҷмуаи ҳикояҳои хурд иборат аст, бо таваҷҷуҳ ба сабки фардӣ ва равишҳои эҷодии ӯ дар даврони истиқлол вежагиҳои мавзуъ, мундариҷа, ҳунари нигорандагии адиб, забони баён ва услуби нависанда дар марҳилаи нави эҷодиёт фаро мегирад.

Дар баробари ин, тафовутҳои сабкии ҳикояҳои хурди нависанда-маҷмуаи “Мағзреза”, ба мисли “Кӯрофтоб”, “Русбачча”, “Айби дандони фитода», “Чапағай”, «Бистари марг», «Бӯи ватан», «Занмурда», «Рӯ ба рӯи гӯристон», «Гурги мода», “Шоҳидони дузд” мавриди пажуҳиш қарор гирифтанд, ки дар нақди адабӣ собиқа надоштааст. Ҳамчунин, забон осор, сабки баёни нависанда, ки омӯзиши он аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ дорад, мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Сорбон дар даврони истиқлол ба таърихи халқҳои мутамаддин, ба мисли романи “Достони писари Худо”, қиссаи “Оташкада” ва таърихи миллат, ба мисли романи сеҷилдаи “Зарафшон”, қиссаи “Спитамон” рӯ оварда, ҳодисаву воқеаҳо ва симоҳои шахсиятҳои таърихиро, ба мисли ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба давлати Ҳахоманишиҳо, муборизаи беамони Спитамони мубориз, чеҳраҳои шоҳони Ҳахоманишӣ ва заволи ин империяи бузург таҳлили бадеӣ намуд.

2. Сорбон дар замони нав ба офаридани образи зани тоҷик боз ҳам бештар рӯ оварда, хусусиятҳои миллии ӯро, ба мисли симои Шарифа аз романи “Шарифа”, Саида аз ҳикояи “Табари хунолуд”, Гулсимо аз ҳикояи “Гови Мир” мушаххастар тасвир кард.

3. Аслан, Сорбон дар осори худаш бо калимаву таркибҳои маҳаллӣ зиёд рӯ меорад, аммо дар замони истиқлол забони ӯ бештар суфта шуд. Истифодаи вожаҳои камистеъмол, калимаҳое, ки дар аксари минтақаҳои кишвар ва маҳалҳои тоҷикнишини кишварҳои дигар маълум ва маъмуланд, ба мисли вожаи чафидан, ғиҷоба, олуғда, фичондан-хабарро расондан, торатшиканӣ-таҳоратшиканӣ ба забони адабӣ ворид кард. Инчунин, як вижагии сабки баёни Сорбон ин калимасозии ӯст, ки дар осори нависанда мушоҳида мешавад. Масалан, ӯ дар радифи вожаи *ширполо* калимаи *фикрполоро* месозад, ки дар матн, дар романи “Ниёз-кончӣ” хеле мувофиқ омадааст.

4. Ғайр аз ин, сабки Сорбон бештар ҳунаритар ва пурғановат гардида, дар матни осори ӯ рамзу тамсил бештар ба назар мерасидагӣ шуд. Истифодаи фаровони рамзу тамсил ва осори тамсилӣ, ба мисли романи "Росу", қиссаи "Шерпаланг", ҳикояҳои "Шер", "Вафодор", "Шер", "Аз ҳама хурд", "Майна" ва "Шер ва дигарон" ҷонварон буда, эҷодиёти адибро рангинтар ва ғанитар гардонида, ба осори ӯ тамомият мебахшид.

5. Сорбон дар адабиёти навини тоҷик бо навиштани резаҳикоя ё новелла анъанаи ҳикоянависии адибони гузаштаи адабиёти моро эҳё намуда, ба ин жанр шакл, мазмун, муҳтавои нав бахшида, бо ин дар адабиёти муосир, дар насри муосири тоҷик падидаи наве ба вуҷуд овард.

6. Сорбон дар ин давра бештар ба характерофаринӣ, симоофарӣ таваҷҷуҳ намуда, характерҳои ҷолиб, симоҳои равшан ва барҷаста, ба мисли Барзгар аз романи "Барзгар", Шубон аз романи "Зуза", Бесус аз романи "Достони писари Худо", Розия ва Армон, Мироби маъюб аз романи "Тангно", Спитамон аз қиссаи "Спитамон", Саида аз ҳикояи "Табари хунолуд", Гулсимо аз ҳикояи "Гови Мир" тасвир намудааст.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад.

Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва бaанҷомрасида буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик мувофиқ аст.

Шуъбаи адабиёти муосир Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовнаро кори илмии бaанҷомрасида ва мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсияи номбурда дар сатҳи зарурии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра ҷавоб гуфта метавонад ва аз ин рӯ, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои диссертант, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Мақолаҳои чопшудаи диссертант дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и ФР интишор гардидаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Таҳқиқоти мавриди назар дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи адабиёти муосири тоҷики ИЗА «Масъалаҳои таърих, накд ва робитаҳои адабӣ дар адабиёти навини тоҷик» барои солҳои 2021-2025 сурат гирифта, дар навбати худ **ба самтҳои афзалиятноки илм** робитаи бевосита дорад, ки яқин аст, ки ба масъалаҳои таҳқиқи насри муосири тоҷик мутобиқат дорад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконоятн татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои диссертатсия ба сурати мақолаҳо дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон  нашр шудааст. Нуктаҳои асосӣ ва муҳимтарини диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии шуъбаи адабиёти муосири тоҷики Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва семинарҳои махсуси факултети филологияи тоҷик баён гардида, мавриди баррасӣ ва баҳогузории ҷомеаи илмии донишгоҳ ва берун аз он қарор дода шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 29.03.2024, суратҷаласаи №3 мавриди муҳокима қарор гирифта, барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар гузориш ва маърузаҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар  Конференсияи байналмилалии илмии «Муштаракоти таърихиву фарҳангӣ ва робитаҳои иқтисодию фарҳангии халқи тоҷик дар кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик дар мавзуи “Тасвири робитаҳои муштараки давлатҳои ҳамҷавор дар осори Сорбон” (Душанбе: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. 25. 05. 2023) ва

Конфренсияи байналмилалии 8-уми Шурои олимони ҷавони АМИТ таҳти унвони «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология» дар мавзуи “Тасвири симои ҷавонони боистеъдоду шуҷоатманд дар осори Сорбон” (Душанбе, 26. 05. 2023) ва конфронсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба рӯзи илми тоҷик «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон (солҳои 2023-2027), «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф (солҳои 2020-2040) ва 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ (15-21апрели 2023) дар мавзуи “Тасвири воқеаҳои ақибгоҳи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳикояҳои Сорбон” (Душанбе, 2023) инъикос гардидааст.

**Аҳаммияти назарии рисоларо** таҳқиқи масоили адабиёти муосир, алалхусус насри имрӯзи тоҷик муайян мекунанд. Пажуҳиши мазкур ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик, бахши адабиёти муосир, таълифи корҳои курсӣ ва корҳои дипломию рисолаҳои хатм, таълими дарсҳои адабиёти муосири тоҷик метавонад истифода шавад. Дар таҳияи риола асарҳои адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла М.Шукуров, Р. Ҳошим, Р. Ҳодизода, Р. Амонов, С. Табаров, Р.Мусулмониён, Х.Асозода, Ҷ.Бақозода, Х.Шарифзода, А. Латторзода, А. Набавӣ, А. Абдуманнонов, А. Раҳмонов, Н. Салимӣ, М. Мирзоюнус, Ш. Солеҳов, З. Ӯлмасова, Х. Ҳошимова ва мунаққидони рус Бахтин М.М., Белинский В.Г., Нефедов Н.Т., Гиршман М.М., Головенченко Ф.М., Поспелов Г.Н. Рейзов Б.Т. мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти амалии рисола.** Ҳангоми навиштани диссертатсия ба афкори назарӣ ва таҳқиқоти адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ такя кардем. Диссертатсия бо усулҳои таҳлилӣ, истидлолӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили сохтории матни адабӣ, таҳлили сабкшинохтии

матни адабӣ, таҳлили мундариҷавии матни адабӣ ва оморӣ таълиф шудааст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи "Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон" таълиф шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. Адабиёти тоҷик) **мутобиқат** мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи мазкур яке аз мавзуҳои таҳқиқнашуда дар адабиёти муосир ба ҳисоб рафта, муҳиммияти интихоби мавзуъ низ ба ин ҷанба асос меёбад. Доир ба осори Сорбон дар тамоми давраи эҷодиёти ӯ мақолаву рисолаҳои зиёде рӯи кор омада бошад ҳам, маводи осори адиб дар даврони истиқлоли кишвар ба риштаи таҳқиқ пурра кашида нашудааст. Сабаби интихоби мавзуи таҳқиқот низ ба ин ҷиҳат вобаста аст. Бо вуҷуди мавҷуд будани як қатор таҳқиқҳо осори Сорбон дар давраи пасошӯравӣ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор нагирифтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими адабиётшиносӣ – Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон бахшида шуда, довталаб аз нигоҳи нав онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Бо фаро расидани истиқлоли кишвар ба адибон фазои озоди эҷодӣ фароҳам омад, адабиёт ҷанбаҳои миллӣ касб намуда, бештар таърих, фарҳанг, расму ойин ва асолати миллати тоҷикро инъикос мекард. Асарҳое, ки дар ин давр ба вуҷуд омаданд, бештар мутаваҷҷеҳи дарки асолати миллӣ гардида, дар хеш миллатдӯстӣ, эҳёи суннатҳои волову арзишманди ниёгон, таърихи пурфоҷиаи миллати моро таҷассум мекарданд. Баррасии ин нуктаҳоро дар диссертатсия метавон саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот баршумурд.

**Ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур.** Дар рисола барои ҳалли мавзуъ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои пешбинишуда ба масъалаҳои зерин афзалият дода шудааст:

- баррасии осори Сорбон дар даврони истиқлоли кишвар аз ҷиҳати мавзуъ, моҳият, ғоя ва ҳунари нигорандагии он;

- муқаррар намудани нишонаҳои фарқкунандаи осори дар даврони истиқлол иншонамудаи адиб;

- таҳқиқи ҳунари нигорандагии адиб дар инъикоси ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ дар ин давра;

- таҳқиқи ҳунари нигорандагии адиб дар тасвири симои зани тоҷик дар замони нав;

- омӯзиши забони нависанда, баррасии нуқтаҳои асосии сабки нигориш, эҷоди нависанда дар марҳилаи нави эҷодиёт;

- таҳқиқи вежагиҳои сохторӣ, мавзуӣ, рамзгароӣ дар осори дар давраи истиқлол эҷоднамудаи адиб;

- нишон додани навоварии Сорбон дар иншои ҳикояҳо, таълифи новелла.

**Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна ҳамагӣ дар 16 мақола баён гаштааст, ки аз он ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар** дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷаллаю маҷмуаҳои дигари илмӣ нашр шудаанд ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълифу таҳияи автореферат ва диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ мувофиқ мебошанд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Вижагиҳои жанрии қиссаҳои тозанашри Сорбон. [Матн] Муҳаммадохирова Ҳ. «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ».-Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, №1. (84) 2020.С. 67-73.

[2-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Инъикоси симои ҳамзамонон дар романи «Тангно»-и Сорбон.[Матн] Муҳаммадохирова Ҳ. «Паёми Донишгоҳи миллӣ»-Душанбе: ДМТ. №4. 2020. С.89-95.

[3-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Вижагиҳои жанрии қиссаи «Спитамон»-и Сорбон. [Матн] Муҳаммадохирова Ҳ. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ. №2(85), 2020. С. 209–213.

[4-М]. Муҳаммадохирова Ҳ.Тасвири симои зани тоҷик дар осори Сорбон. [Матн] Муҳаммадохирова Ҳ. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ. №2(97),2022. С. 212-218.

[5-М]. Набиев А., Муҳаммадохирова Ҳ. Ҳунари таърихнигории Сорбон дар эҷоди қиссаҳо. [Матн] / А. Набиев, Ҳ. Муҳаммадохирова //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2023. №2(104). – С.132-138.

[6-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Вижагиҳои мавзуъ, мундариҷа ва ҳунари ҳикояҳои Сорбон. [Матн] / Ҳ. Муҳаммадохирова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. №3(105). – С.156-162.

[7-М]. Набиев А.,Муҳаммадохирова Ҳ. Ҳунари таърихнигорӣ ва забони баёни Сорбон дар романи «Ниёз-кончӣ». [Матн] /А. Набиев, Ҳ. Муҳаммадохирова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.–Душанбе, 2023. №4 (106). – С.128-132.

[8-М] Муҳаммадохирова Ҳ. Ҳунари нигорандагии Сорбон дар истифодаи тамсил ва рамз. [Матн] /Ҳ. Муҳаммадохирова //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. №5 (107).-С.121-126.

**Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[9-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Вижагиҳои жанрии романи «Шаҳрбону»-и Сорбон. [Матн] / Ҳ. Муҳаммадохирова //Маҷмуаи илмии «Анвори дониш». Душанбе, 2020. №1 (1). – С.129-135.

[10-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Инъикоси ҳаёти иҷтимоии лӯлиён дар осори Сорбон. [Матн] / Ҳ. Муҳаммадохирова //Маҷмуаи илмии «Анвори дониш». – Душанбе, 2022. №3 (3). –С.88-96.

[11-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Тасвири воқеаҳои солҳои навадуми садаи бистум дар осори Сорбон. [Матн] / Ҳ. Муҳаммадохирова //Номаи ховаршиносон. Мақолаҳои илмии факултети забонҳои шарқ, бахшида ба 70-умин солгарди сармуаллимаи кафедраи забони англисӣ Тошматова Назифат. – Хуҷанд: Ношир, 2023. – С.399-411.

[12-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Ҳунари нигорандагии Сорбон дар тасвири мавзуи ахлоқ. [Матн] / Ҳ. Муҳаммадохирова // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ».–Душанбе, 2023. №4 (61). – С. 85 - 89.

[13-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Сабки баёни осори Сорбон. [Матн] / Муҳаммадохирова Ҳ. // Маҷмуаи илмии «Анвори дониш». Душанбе, 2024. №1 (1). –С.116-124.

**Конфренсияҳо**

[14-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Тасвири робитаҳои муштараки давлатҳои ҳамҷавор дар осори Сорбон. [Матн] Ҳ. Муҳаммадохирова // Конференсияи байналмилалии илмии «Муштаракоти таърихиву фарҳангӣ ва робитаҳои иқтисодию фарҳангии халқи тоҷик дар кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик. – Душанбе: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. 25. 05. 2023. – С.372-378.

[15-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Тасвири симои ҷавонони боистеъдоду шуҷоатманд дар осори Сорбон. [Матн] / Ҳ. Муҳаммадохирова // Конфренсияи байналмилалии 8-уми Шурои олимони ҷавони АМИТ таҳти унвони «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология». – Душанбе, 26. 05. 2023. – С.196-200.

[16-М]. Муҳаммадохирова Ҳ. Тасвири воқеаҳои ақибгоҳи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳикояҳои Сорбон. [Матн] / Ҳ. Муҳаммадохирова

//Маводи конфронсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба рӯзи илми тоҷик «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон (солҳои 2023-2027), «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф (солҳои 2020-2040) ва 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ (15-21апрели 2023).–Душанбе, 2023.–С.77-83.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 191 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

**Тавсия ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (суратҷаласаи №3 аз 29.03.2024) баррасӣ гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Хулоса, шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовнаро кори илмии бaанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, хусусан самти адабиётшиносӣ иртиботи қавӣ дошта, талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар ҷараёни маҷлис аз тарафи докторҳои илмҳои филологӣ Ҳакимов Аскар, Мурувватиён Ҷамила, номзадҳои илмҳои филологӣ Забеҳулло Беҳрӯз, Ҷамолиддин Саидзода, Хуршеда Ҳошимова, Абдухолиқ Набиев, Лутфулло Шарифзода ва Холисамо Раҳимова саволҳо пешниҳод гардид. Унвонҷӯ Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна ба саволҳои онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Дар баррасӣ олимони шуъбаи адабиёти муосири тоҷик доктори илмҳои филологӣ, А. Ҳаким, Ҷ. Мурувватиён, Б. Забеҳулло, Ҷ. Саидзода, Х. Ҳошимова, Л. Шарифзода ва дигарон иштирок доштанд.

Маҷлиси шуъбаи адабиёти муосири тоҷики Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ бо дарназардошти фикру андешаи маърузачиён ва иштирокдорони ҷаласа

**ҚАРОР КАРД:**

1. Пешниҳоди профессорон ва дотсентони кафедра доир ба ислоҳи камбудиҳои дар рисола ҷойдошта ба эътибор гирифта шавад ва он саривақт ислоҳ шуда, ба рисола ворид карда шавад.

2. Рисолаи унвонҷӯ Муҳаммадохирова Ҳ. И. **“Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” аз рӯйи ихтисоси 10.01.00- Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик)** кори илмии ба анҷомрасида ҳисобида шуда, барои баррасӣ ба сексияи Шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардад.

3. Аз Шурои диссертатсионии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ пурсида шавад, ки қарори мазкурро ба эътибор гирад, ки диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимова дар мавзуи **“Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон”** кори илмии анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 - Адабиёти тоҷик) мутобиқат дорад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи адабиёти муосири тоҷики Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ бо иштироки устодони кафедраи номбурда қабул шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 10 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10, «зид» – 0, «бетараф» – 0.

Суратҷаласаи №3-ум аз «29-уми» марти соли 2024.

Раисикунанда:
**мудири шуъбаи адабиёти муосири**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, АМИТ** **Беҳрӯзи Забеҳулло**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.**
**тел. (+992) (37) 227-29-07**
**E-mail: bekhruz-68gmail.ru**

**Котиби ҷаласа:** **Раҳимова Х.**

**«Имзоҳои Беҳрӯзи Забеҳулло ва Х. Раҳимоваро тасдиқ мекунам».**

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ..**
**E-mail: iza_rudaki17@mail.ru**